«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино
д.и.т., профессор Муҳиддин Н.Д.
_______________
«_30_» ___06___ 2025

# ХУЛОСАИ

ҷаласаи васеъ ва муштараки кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон (ДДТТ) ба номи Абуалӣ ибни Сино ба диссертатсияи Сафарова Фирӯза Мадабидовна дар мавзуи **«Методикаи арзёбии дониши хаттии довталабон дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон – кори хаттӣ (эссе)»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Сафарова Фирӯза Мадабидовна дар мавзуи **«Методикаи арзёбии дониши хаттии довталабон дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон – кори хаттӣ (эссе)»** бо фармоиши ректори ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино аз 03.11.2022, №165 §2 тасдиқ шуда, дар кафедраи забон тоҷикии муассисаи зикршуда омода гардидааст.

Роҳбари илмӣ – Каримов Назрулло Салимович, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Сафарова Фирӯза Мадабидовна, ки аз соли 2009 то соли 2022 дар Маркази омодагии қаблии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино ҳамчун омӯзгори фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик ва аз соли 2022 ин ҷониб ҳамчун омӯзгори калони кафедраи забони тоҷикии муассисаи зикршуда

фаъолият намуда истодааст, бо фармоиши ректори ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи забони тоҷикӣ қабул карда шудааст.

Диссертатсия дар заминаи нақшаи илмии кафедраи забони тоҷикии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино иҷро гардида, натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

Диссертатсия мубрамии таҳқиқот, ҷанбаҳои педагогию психологӣ, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариявию амалии таҳқиқот, масъалаи таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ММТНПҶТ) ва дар ин замина ташкил ва гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД) ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (МТТМОК)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бо усули нав – кори хаттӣ (эссе) ва арзёбии дониши хаттӣ аз забони тоҷикӣ, дараҷаи ҷаҳонбинӣ, малакаю маҳорати баёни андешаи довталабонро дар асоси натиҷаҳои ИМД дар бар мегирад.

Инчунин, дар диссертатсия қайд мегардад, ки кори хаттӣ дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ яке аз муҳимтарин воситаҳои арзёбии дониши хаттии хонанда (дуруст баён карда тавонистани фикр ва дар ин замина риояи меъёри забону қоидаи навишт ва мутобиқи услуб истифода бурдани воситаҳои забонӣ) ба шумор меравад. Дар санадҳои меъёрӣ, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, кори хаттӣ аз забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик ба диктант, нақли хаттӣ ва иншо тақсимбандӣ шудааст. Аммо солҳои охир дар баробари ин шаклҳои кори хаттӣ барои арзёбии дониши хаттӣ ва малакаю маҳоратҳои хонандагон жанри эссе низ истифода мешавад. Эссе як навъи очерк аст, ки онро иншои мухтасар (кӯтох) низ мегӯянд. Ҳангоми навиштани ин гуна иншо хонанда дар баёни фикр озод аст: ӯ андешаи худро доир ба мавзуи пешниҳодшуда мухтасар ва асоснок (бо далел), вале дар ҳаҷми муайян баён мекунад. Дар эссе ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои шахсии эссенавис доир ба ягон мавзуи иҷтимоӣ ва ё фарҳангию

таърихӣ инъикос меёбад. Яъне хонанда доир ба мавзуи пешниҳодшуда андешаашро бо як тартиби муайян дар як сарсухани кӯтоҳ, тезисҳои мухтасар (мулоҳизаронӣ, баёни мухтасари фикр) ва хулоса баён менамояд.

Вобаста ба ин авалин маротиба дар Тоҷикистон тавассути ММТНПҶТ воситаи илман асосноки арзёбии дониши хаттии донишомӯзон – кори хаттӣ (эссе) аз забони тоҷикӣ (давлатӣ) ва меъёри ягонаи холгузорӣ ба он таҳия гардид, ки ҳамчун абзори боэътимод дар ИМД ба МТТМОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шуд ва дар натиҷа дараҷаи воқеии дониши хаттӣ, малака ва маҳорати баёни андеша, дараҷаи ҷаҳонбинии довталабон, инчунин сатҳу сифати таълими фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар муайян гардид.

Бо вуҷуди ин ки эссе ҳамчун як шакли кори хаттӣ ба низоми таҳсилот ворид гардид ва он дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ барои арзёбии дониш ва малакаю маҳорати хонандагон истифода мешавад, инчунин, аввалин маротиба ин шакли кори хаттӣ дар имтиҳонҳои дохилшавӣ ба МТТМОК-и Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифт ва дониши хаттӣ ва малакаю маҳорати довталабон аз рӯйи меъёри ягона ва илман асонок арзёбӣ карда шуд, доир ба ин масъала таҳқиқоти илмӣ сурат нагирифтааст. Аз ин рӯ таҳқиқи масъалаҳои илмӣ, назариявӣ ва амалии таҳияи кори хаттӣ (эссе) аз забони тоҷикӣ ва арзёбии дониши хаттии хонандагон (довталабон) аз рӯйи меъёри ягона ва илман асонок хеле муҳим аст.

Сафарова Фирӯза Мадабидовна аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм, забони хориҷӣ (англисӣ), назария ва методикаи таълим ва тарбия (забон ва адабиёти тоҷик) имтиҳони минимуми номзадӣ супоридааст, ки натиҷаи онҳо чунин аст:

- таърих ва фалсафаи илм, рӯзи супоридан – 26.12.2022, баҳо – 4 (хуб);
- забони хориҷӣ (англисӣ), рӯзи супоридан – 02.06.2023, баҳо – 5 (аъло);
- назария ва методикаи таълим ва тарбия (забон ва адабиёти тоҷик), рӯзи супоридан – 15.06.2024, баҳо – 5 (аъло).

Диссертатсияи Сафарова Фирӯза Мадабидовна дар мавзуи **«Методикаи арзёбии дониши хаттии довталабон дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон – кори хаттӣ (эссе)»** дар ҷаласаи васеъ ва муштараки кафедраи забони тоҷикии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино муҳокима гардидааст (қарори №10, аз 26.06.2025). Ба диссертатсия аз тарафи муқарризон Юлдошев У.Р., д.и.п., академик, профессори кафедраи забони русии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино; Қосимов О.Ҳ., д.и.ф., профессори кафедраи забони тоҷикии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино; Низомӣ С.Ф., д.и.ф., профессори кафедраи забони тоҷикии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино; Калонова М.Ҷ., д.и.ф., профессори кафедраи забони тоҷикии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино; Тӯраҳасанов Қ.Ш., д.и.ф., профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; Алиева Н.Ш., н.и.п., мудири кафедраи забони русии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино; Мухаммадиева З.А., н.и.ф., (забоншинос), мудири кафедраи забони лотинии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино; Шодиев М.С., н.и.ф., (забоншинос), мушовири директори ММТНПҶТ баҳои мусбат дода шуда, он ҳамчун кори баанҷомрасида ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.

Дар ҷаласаи зикршуда аз баррасии диссертатсия хулосаҳои зерин қабул карда шуд:

- мундариҷа, муҳтаво ва номи мавзуъ ба ихтисоси он мутобиқат мекунад;
- мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, ворид намудани технологияи нави арзёбии сифати таҳсилот дар ҷумҳурӣ алоқаманд аст;
- теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат мекунад;
- санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ва ё имкони татбиқ намудани онҳо мавҷуд аст;

– саҳми бевоситаи унвонҷӯй дар иҷрои таҳқиқи кори диссертатсионӣ назаррас мебошад.

Кори диссертатсионӣ ба Шиносномаи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда (205 номгӯй) ва замимаҳо иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 182 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, 59 расм, 21 ҷадвал ва 2 замимаро дар бар мегирад.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсия дар 4 мақолаи илмии нашршуда дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 маҷмуа ва дастури методӣ, 4 маводди конференсияҳо, фишурдаҳо ва маърузаҳо, инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад.

**I. Мақолаҳои нашршуда дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

1. **Сафарова Ф.М.** Олимпиадаи фаннии хонандагон: кори хаттӣ (иншо) – абзори санҷиши дониш ва малакаю маҳоратҳо / Ф.М. Сафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2025. – №1/3 (137). – С. 441-446.

2. **Сафарова Ф.М.** Омилҳои ба дониши хаттии донишомӯзон таъсиррасон / Ф.М. Сафарова // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе, 2026. – №1 (53). – С. 42-48.

3. **Сафарова Ф.М.** Эссе чун муҳимтарин воситаи арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон / Ф.М. Сафарова // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ – Душанбе, 2024. – №1 (274). – С. 165-169.

4. **Сафарова Ф.М.** Матритсаи тест – ҷадвали мундариҷа ва фаъолиятҳо / Дар ҳаммуаллифӣ бо Ҷ.А. Азимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи

илмӣ). Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2023. – № 2 (16). – С. 53-58.

**II. Маҷмуа ва дастурҳои методӣ:**

**5. Сафарова Ф.М.** Маҷмуи имлоҳо аз забони тоҷикӣ (дастури таълимӣ) / Дар ҳаммуаллифӣ бо К.И. Саидов // – Душанбе: МО КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011, – 55 с.

**6. Сафарова Ф.М.** Дастури методӣ оид ба навиштани кори хаттӣ (эссе) / Дар ҳаммуаллифӣ бо М. Шодиев ва дигарон // Дар Шурои методии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.06.2013, №3 тасдиқ ва ба чоп тавсия шудааст // – Душанбе, 2013. – 18 с.

**7. Сафарова Ф.М.** Забони тоҷикӣ. Саволномаҳои тестӣ барои довталабони донишгоҳҳо / Дар ҳаммуаллифӣ бо К.С. Холов, А.О. Сабуров // – Душанбе, 2014. – 103 с.

**8. Сафарова Ф.М.** Тавсияҳои методӣ оид ба навиштани кори хаттӣ (эссе) / Дар ҳаммуаллифӣ бо аъзои гурӯҳи корӣ оид ба кори хаттӣ (эссе) дар низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ // Дар Шурои илмӣ ва методии Маркази тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.09.2016, №5/5-1 тасдиқ шудааст // – Душанбе, 2016. – 11 с.

**9. Сафарова Ф.М.** Эссе: тавсияҳои методӣ доир ба навишт, санҷиш ва холгузории он (дастур барои омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ) / Дар ҳаммуаллифӣ бо Ҷ.А. Азимов, Н. Мирзомуҳаммад, М.С. Шодиев, А.Ф. Нуралиев, Ҷ.Ш. Рустамов, А. Шодиниё, Л.А. Юсупова // – Душанбе, 2022. – 54 с.

**10. Сафарова Ф.М.** Эссе: тавсияҳои методӣ доир ба навишт, санҷиш ва холгузории он (Дастур барои омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ) / Дар ҳаммуаллифӣ бо Ҷ.А. Азимов, Н. Мирзоматов, А.Ф. Фазлиддинзода, М.С. Шодиев, А.Ш. Шодиниё, Л.А. Юсупова // – Душанбе, 2025, – 35 с.

### III. Маводди конференсияҳо, фишурдаҳо, маърузаҳо:

**11. Сафарова Ф.М.** Эссе – воситаи арзёбии дониш ва салоҳиятҳо [Матн] / Дар ҳаммуаллифӣ бо Ҷ. Азимов / Маводди 71-ум конференсияи байналмилалии илмию амалии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино «Инноватсия дар тиб – аз илм ба амалия». – Душанбе, 2023. – С. 592-593.

**12. Сафарова Ф.М.** Кори хаттӣ (эссе): таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ беҳбудӣ мехоҳад [Матн] / Сборник научных трудов по материалам XVIII Международная научно-практическая электронная конференция «Язык. Образование. Культура», посвященная 89-летию КГМУ и Году семьи в России (20-24 мая 2024 г.). – Курск, 2024. – С. 409-415.

**13. Сафарова Ф.** Усулҳои боэътимод ва муассири арзёбии сифати таҳсилот [Матн] / Дар ҳаммуаллифӣ бо Ҷ. Азимов / Маводди Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ «Таҳсилоти муосир: мушкилоти сифати таҳсилот ва масъалаҳои муосири таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ». – Душанбе, 2024. – С. 44-54.

**14. Сафарова Ф.** Кори хаттӣ (эссе) – роҳи босамари инкишоф додани тафаккури эҷодӣ ва нутки хаттии хонандагон [Матн] / Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ таҳти унвони «Забони тоҷикӣ дар арсаи паёмадҳои нав». – Душанбе, 2024. – С. 232-239.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Сафарова Фирӯза Мадабидовна дар мавзуи **«Методикаи арзёбии дониши хаттии довталабон дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон – кори хаттӣ (эссе)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи

ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Сафарова Фирӯза Мадабидовна дар мавзуи **«Методикаи арзёбии дониши хаттии довталабон дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон – кори хаттӣ (эссе)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии самти дахлдор пешниҳод карда шавад.

Хулоса ва қарор дар ҷаласаи васеъ ва муштараки кафедраи забони тоҷикии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино дар таърихи 26.06.2025 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок намуданд: 16 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: **«тарафдор»** – 16 нафар, **«зид»** – нест, **«бетараф»** – нест.

Раиси ҷаласа:
д.и.ф., мудири кафедраи
забони тоҷикӣ Низомӣ С.Ф.

Котиби илмӣ: Қодириён А.А.

Имзои С.Ф. Низомӣ ва А.А. Қодириёнро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати рушди кадрии МДТ
«Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абуалӣ ибни Сино» Сафарзода Б.И.

26.06.2025

Суроғаи муассиса:
734003, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Сино 29-31;
тел.: 4466003977; факс 2353496
E-mail: info@tajmedun.tj
Web-site: www.tajmedun.tj